**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дигаргуниҳои азиме, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада истодаанд, боиси тағйироти куллӣ дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар низоми таҳсилоти ватанӣ мегарданд. Ҳадафи аслии таҷдиди сифатии тарбия – таҳкими иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бартарафсозии ақибмонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, рушди фарҳанги маънавии насли наврас, баланд бардоштани мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии шахсият мебошад. Дар асл, оиди азнавсозии муттасил ва мунтазами иқтидори маънавӣ ва фарҳангӣ дар доираи консепсияи миллии дигаргунсозии сифатии таҳсилоти умумӣ сухан меравад, ки тавассути он гузариш ба таҳсилот ва тарбияи сифатан нав, ташаккули рафтори иҷтимоии шахсияти хонандагонро метавон амалӣ намуд.

Муассисаҳои таълимии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои тарбиявиеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ба фаъолияти хонандагон таъсири мусбат мерасонанд. Корҳои зиёде амалӣ мешаванд, ки ба натиҷанокӣ ва татбиқи сифатҳои маънавӣ ва фаъолияти тамоюлноки хонандагони хурдсол нигаронида шудаанд. Дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади таъсири мусбат расонидан ба ташаккули шахсияти оянда, аз ҷумла дар самти тарбияи рафтори иҷтимоӣ тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик, мунтазам корҳои ҳадафманд роҳандозӣ мегарданд.

Дар сурати мавҷудияти шароити мусоид дар синфҳои ибтидоӣ рушди тамоми сатҳҳои психикаи хонандаи хурдсол амалӣ мегардад.

Рушди умумии зеҳн, идрок, хотир, тафаккур, диққат, амалиёти мантиқӣ мисли рафтори иҷтимоии хонандаи хурдсол бошиддат инкишоф меёбанд. Бо вуҷуди ин, танҳо ба худинкишофёбӣ ва худифшонамоии кӯдак умед бастан нодуруст аст. Имрӯз ташаккули иҷтимоии шахсияти инсони хурдсол худ ба худ, аз ҷониби калонсолон мушоҳида шудани падидаву зуҳуроти ҳаёти иҷтимоии онҳо, рушди масъулиятшиносиву мустақилияти хонандагон сурат мегирад.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи татбиқи тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намудааст.

Дар боби аввали рисола "Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст. Муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди талаботи маърифатӣ, шавқу рағбати маърифатӣ, шахсияти омӯзгор, муносибати эҳсосотӣ ба таҳсилот, баинобатгирии хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол ва дигари он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Таҳлили педагогии масоили таҳқиқшаванда имконият медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва хусусиёти маънавии шахсият муайян шаванд. Дар шароити муосири демократикунонии ҷомеа мафҳумҳои «рафтори иҷтимоӣ», «иҷтимоишавӣ», «шахсияти фаъол», «рафтори фаъолона», «мустақилият», «масъулият», «худинтизом», «ҳисси вазифашиносӣ», «ташаббус» ба сифати омилҳои ташаккулдиҳандаи шахсият мавриди

истифода қарор гирифта, мувофиқан, ба тарзҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Бинобар ин, аниқ кардани муҳтаво ва муайянсозии вижагиҳои онҳо дар шароити нави иҷтимоӣ-таърихӣ муҳим арзёбӣ гардида, амалисозии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавононро дар заминаи илмӣ имконпазир мегардонад.

Дар боби дуюми рисола "Технологияи педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" роҳҳо ва воситаҳои асосии тарбияи ҷамъиятии муҳассилин ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати онҳо ба техника ва технологияи муосир мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ технологияи педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагонро баррасӣ намуда, дар амсилаи (модели) "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол" муносибат бо калонсолон, робита бо ҷомеа ва рушди фарҳанги иҷтимоиро ҳамчун мақсади ташаккули шахсияти том дар муассисаи таълимӣ пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо масъалаи баланд бардоштани технологияи сатҳи маърифатӣ, захираҳои донишгирӣ, ки самти асосии ташаккули инсони ботаҷриба мебошад, хеле муҳим аст. Аз ҷониби муаллиф амсилаи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол" коркард шудааст. Ҳадафи амсилаи мазкур мусаллаҳ намудани татбиқи сифатҳои маънавӣ -психологӣ ва педагогии фаъолияти тамоюлноки хонандагони хурдсол нигаронида шудаанд, мебошад.

Автореферати диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик ва нақши он дар

ташаккули ахлоқии насли наврас бо як усусли хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст.

Хулоса, таҳқиқоте, ки Собирова Назира ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои педагогикаи имрӯзаи тоҷик боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Кори илмии Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Собирова Назира Солиҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва социалогияи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

Маълумот барои тамос:
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.